Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-077
назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон
(734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри
Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов, 11/2)

**ТАҚРИЗИ**

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи номзадии Абдулмаҷидзода Манучеҳр Абдулмаҷид дар мавзуи **“Инсонгаройӣ ва тарбияи инсони комил дар осори Ҷалолиддин Балхӣ ва татбиқи он дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон дар шароити муосир”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот. Душанбе, 2025

Дар таърихи тафаккури педагогии ҷаҳонӣ мероси ғановатманди Ҷалолиддин Балхӣ доир ба консепсияи инсони комил ҷойгоҳи хос ва намоён дорад. Омӯзиши амиқи ақидаҳои бунёдии мутафаккирони барҷастаи гузашта, аз ҷумла Мавлоно Балхӣ, дар замони муосир аҳаммияти хосса касб мекунад. Дар ин росто, масоили тарбияи ахлоқию маънавӣ ва ташаккули камолоти шахсият ҳамчун меҳвари аслии таҳқиқоти соҳаҳои гуногуни илм, бахусус педагогика ва фалсафаи маориф ба шумор меравад. Улуми инсоншиносӣ, аз ҷумла педагогикаи таърихӣ, дар заминаи ҳамин андешаҳои созанда рушд ёфта, дар асрҳои минбаъда ба таҳкими низоми арзишҳои таълиму тарбия таъсири амиқ гузоштааст.

Аз ин лиҳоз, мавзуи интихобкардаи диссертант Абдулмаҷидзода Манучеҳр Абдулмаҷид “Инсонгаройӣ ва тарбияи инсони комил дар осори Ҷалолиддин Балхӣ ва татбиқи он дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон дар шароити муосир” мубрам буда, дорои аҳаммияти баланди назариявӣ ва амалӣ мебошад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ, зарурати муттаҳидсозии инсоният дар заминаи арзишҳои умумибашарӣ ва идеалҳои ахлоқӣ беш аз пеш эҳсос мешавад. Муқаррар намудани ин арзишҳо ҳамчун меъёри эътирофшуда имкон медиҳад, ки барои рушди устувори ҷомеа ва тарбияи насли наврас заминаҳои мусоид фароҳам оварда шаванд. Мусаллам аст, ки мутафаккирони гузашта дар осори гаронбаҳои худ ба дарки хусусият, қонуният ва усулҳои ташаккули шахсияти комил таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудаанд. Дар ин замина, таҳқиқ ва баррасии мероси илмию адабии мутафаккири бузург Ҷалолиддини Балхӣ, бахусус андешаҳои гуманистии ӯ дар бораи инсони комил ва татбиқи онҳо дар шароити муосири таълиму тарбия, аз ҷониби муҳаққиқ саривақтӣ ва комилан асоснок мебошад.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисоси илмӣ ва самтҳои таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионии Абдулмаҷидзода Манучеҳр Абдулмаҷид дар мавзуи “Инсонгаройӣ ва тарбияи инсони комил дар осори Ҷалолиддин Балхӣ ва татбиқи

он дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон дар шароити муосир” ба яке аз самтҳои муҳимми таҳқиқоти соҳаи педагогика бахшида шудааст. Мазмуну муҳтаво, мақсад ва вазифаҳои кор ба талабот ва шиносномаи ихтисоси илмии 5.3.1. - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот комилан мутобиқат менамояд.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Мавриди зикр аст, ки дар натиҷаи пажӯҳишу таҳлилҳои муҳаққиқони ватанӣ, имрӯз дар илми педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои муҳимми назариявӣ ва амалӣ - эҳё ва татбиқи мероси таърихию педагогии мутафаккирони классикӣ дар раванди таълиму тарбияи муосир ташаккул ва рушд меёбад. Ин самт ба омӯзиши қонуниятҳои ташаккули шахсият ҳамчун низоми мукаммали ахлоқӣ ва маънавӣ машғул аст. Дар ин росто, ба Абдулмаҷидзода Манучеҳр Абдулмаҷид муяссар гардидааст, ки дар таҳқиқоти диссертатсионии хеш моҳияти инсонгаройӣ (гуманизм) ва тарбияи инсони комилро дар осори Ҷалолиддин Балхӣ ба таври муфассал мавриди таҳлилу баррасӣ қарор диҳад. Муаллиф аввалин шуда, усулҳо ва воситаҳои татбиқи ин ақидаҳои созандаро дар шароити кунунии мактабу маориф ва таълиму тарбияи насли наврасу ҷавони кишвар аз нигоҳи илмӣ асоснок намудааст.

Диссертант қайд менамояд, ки солҳои охир дар натиҷаи равандҳои мураккаби идеологӣ дар ҷаҳон, эҳтиёҷ ба арзишҳои устувори маънавие, ки ба арзёбии воқеии сатҳу сифати тарбияи ахлоқии ҷавонон ва муқовимат ба таҳдидҳои муосир равона шудаанд, беш аз пеш эҳсос мешавад. Бинобар ин, муайянсозии иқтидори тарбиявии афкори Мавлоно Балхӣ, ошкор сохтани усулҳои муосири ҷорӣ намудани ин мерос дар низоми таҳсилот ва ба ин васила мушаххас намудани самтҳои мубрами тарбияи милливу умумибашарии ҷавонон яке аз масъалаҳои аввалиндараҷаи илмҳои педагогӣ ба ҳисоб меравад.

Аз ин рӯ, муҳиммияти мавзуи таҳқиқоти мазкур ва зарурати воқеии такмили сифати таълиму тарбия дар Тоҷикистон аз омилҳои зерин сарчашма мегирад: мавҷуд набудани заминаи кофии методологӣ ва назариявӣ ҷиҳати татбиқи амалии афкори педагогии Ҷалолиддин Балхӣ дар барномаҳои таълимии муосир; зарурати такмили маҷмуи меъёрҳо ва воситаҳои тарбиявӣ оид ба шаклдоркунии маънавияти насли наврас дар шароити ҷаҳонишавӣ; мӯзиш, таҳқиқ ва ҷорӣ намудани асосҳои гуманистии афкори классикӣ дар раванди пажӯҳишҳои таърихию педагогӣ; тақозои воқеии ҷомеаи муосир ба тарбияи шахсияти соҳибмаърифат, ватандӯст ва дорои камолоти ахлоқӣ дар заминаи мероси миллӣ.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Диссертант дар пажӯҳиши хеш ба дастовардҳои илмие ноил гардидааст, ки муҳимтарин вазифаҳои назариявӣ

ва амалии таърихи педагогикаро фаро мегиранд: хусусиятҳои муҳимми мероси педагогии файласуфон ва мутафаккирони асримиёнагии Осиёи Марказӣ бо дарназардошти шароити хоси таърихӣ, фарҳангӣ ва динии давр мавриди омӯзиши амиқ қарор гирифта, такмил дода шудаанд; унсурҳои асосии консепсияи педагогии Ҷалолиддини Балхӣ оид ба ташаккули шахсият муайян, таҳлил ва ба низоми муайяни илмӣ дароварда шудаанд; андешаҳои педагогии мутафаккир дар бораи усулҳои таълиму тарбия бо дарназардошти талаботи консепсияҳои муосири таҳсилот мураттаб ва роҳандозӣ гардидаанд; технологияҳои таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси ғояҳои инсонпарварона ва таълимоти Мавлоно Балхӣ дар бораи «инсони комил» такмил ва пешниҳод карда шудаанд; самаранокии татбиқи ғояҳои педагогии Ҷалолиддини Балхӣ дар бораи инсондӯстӣ ва камолоти маънавӣ дар раванди кунунии таълиму тарбияи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ аз ҷиҳати эмпирикӣ (амалӣ) исбот шудааст; маҷмуи тавсияҳои методӣ ва барномаҳои таълимӣ-тарбиявӣ барои воридсозӣ ва татбиқи низоми ақидаҳои педагогии Балхӣ дар раванди соатҳои тарбиявии муассисаҳои таълимии муосир коркард ва роҳандозӣ гардидаанд. Доир ба навгонии илмии таҳқиқот қайд кардан зарур аст, ки муаллифи диссертатсия нахустин маротиба дар таҳқиқоти илмӣ-педагогии муосир дастовардҳои мутафаккири бузургро аз нигоҳи усулҳои муосири герменевтикии педагогӣ (таҳлили матн) ва консепсияи маорифи милливу умумибашарӣ ҳаматарафа мавриди баррасӣ ва таҳлили амиқи илмӣ қарор додааст.

Дар раванди таҳлили моҳияти таҳқиқоти дар доираи мавзуи диссертатсионӣ анҷомёфта, нуктаҳои нави зерин ба даст омадаанд, аз ҷумла: таҳлили илмии раванди ташаккули низоми ақидаҳои инсонгароии мутафаккир ва роҳҳои пайвасти он ба идеологияи миллии маориф; таҳқиқ, мушаххасгардонӣ ва ошкор кардани мушкилоти татбиқи мероси ахлоқии Мавлоно дар соҳаи педагогикаи ватанӣ; коркарди меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои мушаххаси дараҷаи камолоти ахлоқии хонандагон дар асоси ғояҳои инсони комил; таҳия ва озмоиши амалии методикаи муаллифии ҷорӣ намудани афкори Балхӣ дар раванди дарсҳои хониши адабӣ, таърих ва соатҳои тарбиявӣ; ба доираи илмии педагогикаи миллӣ ворид намудани мафҳум ва истилоҳоти муосири илмӣ-педагогӣ доир ба таълимоти «инсони комил» дар шароити ҷаҳонишавӣ.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия**. Эътимоднокӣ ва асоснокии нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти довталаб дар раванди таҳлил ва баррасии мавзуъ комилан баланд арзёбӣ мешавад. Он пеш аз ҳама бо мухолифат надоштани интихоби

равишҳои методологӣ ва эътимоднокии манбаъҳои мавриди истифода, аз ҷумла матни асарҳои аслии Ҷалолиддини Балхӣ, мероси адабӣ ва маводи таърихию педагогӣ муайян карда шудааст. Инчунин, муаллиф дар кори худ гуногунрангӣ ва ба ҳам мувофиқат кардани методҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот, аз ҷумла таҳлили таърихию қиёсӣ ва усулҳои муосири педагогикаи гуманистиро ба таври васеъ роҳандозӣ намудааст. Боэътимодии нуктаҳои асосие, ки барои ҳимоя пешниҳод гардидаанд, тавассути муқоисаи далелу рӯйдодҳои таърихӣ, озмоиши амалии технологияҳои тарбиявӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, инчунин машварат ва муҳокимаи ҳамаҷонибаи натиҷаҳо бо мутахассисону коршиносони соҳаи педагогика таъмин карда шудааст, ки ин устувории илмии таҳқиқотро нишон медиҳад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки методологияи педагогикаи муосири миллӣ дар заминаи эҳё ва татбиқи мероси таърихию педагогии Ҷалолиддини Балхӣ такмил ёфта, низоми мафҳумии илми педагогика бо истилоҳоту консепсияҳои тозаи марбут ба «инсонгароӣӣ» ва «инсони комил» таъмин касб намудааст. Натиҷаҳои илмии кор ҷиҳати рушди минбаъдаи таърихи педагогика ва афкори педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои назариявии устувор фароҳам меорад. Назарияҳои пешниҳодшуда барои муҳаққиқон, докторантон ва унвонҷӯёни соҳаи педагогика ҷиҳати фаҳмиши амиқи заминаҳои таърихии гуманизми педагогӣ мусоидат менамояд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки маводи таҳқиқоти анҷомёфта дар фаъолияти амалии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии равияи омӯзгорӣ, ҳангоми тадриси фанҳои «Педагогика», «Таърихи педагогика», «Педагогикаи халқии тоҷик» ва курсони махсус (спецкурси) доир ба мактаби Мавлоно Балхӣ метавонанд ба таври васеъ татбиқ гарданд. Ҳамзамон, технологияҳо ва тавсияҳои методии муаллиф дар фаъолияти амалии муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ, мактаб-интернатҳо ва марказҳои рушди кӯдакон ҷиҳати ташкили соатҳои тарбиявӣ ва корҳои беруназсинфӣ оид ба тарбияи ахлоқию маънавии насли наврас муваффақона мавриди истифода қарор дода мешаванд.

Муаллиф зимни таҳлили заминаҳои асосии ташаккулёбӣ ва рушди афкори педагогии Ҷалолиддини Балхӣ бо дарназардошти шароити мушаххаси таърихӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ-маърифатии давр, таҳқиқи масъалаҳои сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф ва тарбияи миллии ҷавонон, инчунин бо ошкор намудани омилҳо ва воситаҳои татбиқи ин мероси гаронбаҳо, тавсияҳои муҳимми методиро пешниҳод намудааст, ки ҷиҳати такмили сифати раванди таълиму тарбия дар шароити муосир мусоидат хоҳад кард.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Муаллифи диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқот, нуктаҳои асосӣ, тавсияҳо ва хулосаҳои илмии худро дар 8 мақолаи илмӣ ба табъ расонидааст. Аз ин шумор, 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи рӯйхати КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 номгӯй дар маҷмуаи маводи конференсияҳои илмию амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ нашр шудаанд, ки муҳтавои диссертатсияро комилан фаро мегиранд.

**Сохтор ва ҳаҷми таҳқиқоти диссертатсионӣ**. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, 3 боб, 6 зербоб, хулосаҳо, тавсияҳои амалӣ ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, мазмуни диссертатсия дар 223 саҳифаи чопи компютерӣ дарҷ гардидааст.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамияти мавзуи таҳқиқот асоснок гардида, робитаи он бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмии соҳавӣ нишон дода шудааст. Инчунин, дар ин бахш сатҳи омӯзиши мавзуи мавриди пажӯҳиш, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, марҳалаҳо ва асосҳои назариявию методологии кор муайян карда шудаанд. Ҳамзамон, заминаҳои эмпирикии таҳқиқот, навгонии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда, аҳамияти назариявию амалӣ, эътимоднокии натиҷаҳо, соҳаи таҳқиқот, тасвиби (апробатсияи) кор ва саҳми шахсии довталаб ба таври муфассал инъикос ёфтаанд.

Дар боби якуми диссертатсия – “Афкори педагогӣ дар эҷодиёти Ҷалолиддини Балхӣ” масоили марбут ба хусусиятҳои хоси осори мутафаккир ва инъикоси ғояҳои таълиму тарбия дар онҳо мавриди таҳлили амиқ қарор гирифтаанд. Муаллиф ба таҳлили арзишию фалсафии масъалаи инсон дар мероси Ҷалолиддини Балхӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, моҳияти тарбияи инсони комилро ҳамчун раванди махсуси ташаккули маънавият ва ахлоқи ҳамида арзёбӣ намудааст. Дар боб таъкид мегардад, ки омӯзиши сарчашмаҳои таърихию педагогӣ ва таҳқиқи методу усулҳои тарбиявии дар ин раванд истифодашуда, барои ҳалли масъалаҳои мубрами соҳаи маорифи муосир ва рабти онҳо ба низоми миллии тарбия заминаи устувор мегузорад. Ҳамзамон, арзёбии нақш ва мақоми ғояҳои инсонгароии Мавлоно Балхӣ дар шароити кунунӣ нишон медиҳад, ки ин мероси ахлоқӣ дар низоми таҳсилоти умумии кишвар дорои аҳаммияти аввалиндараҷа ва созанда мебошад.

Дар боби дуюми диссертатсия - “Аҳаммияти афкори педагогии Ҷалолиддини Балхӣ оид ба инсонгаройӣ ва инсони комил дар тарбияи насли наврасу ҷавон дар шароити муосир” масъалаҳои марбут ба моҳият ва аҳаммияти ахлоқ дар осори Ҷалолиддини Балхӣ ва таъсири афкори педагогии мутафаккир ба рушди илми педагогикаи миллии ватанӣ мавриди таҳқиқи густурда қарор гирифтаанд.

Ба андешаи диссертант, дар марҳалаи муосир илми педагогикаи ватанӣ оид ба роҳҳои ноил шудан ба сатҳу сифати қобили қабули тарбияи маънавии ҷавонон ба маҷмуи тасаввуроти назариявии ҷадид соҳиб гардидааст. Муаллиф асоснок мекунад, ки барои арзёбии воқеии натиҷаҳои тарбияи ахлоқӣ, муқаррар намудани меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои асосии инсонгаройӣ (гуманизм) дар сохтори маорифи миллии кишвар ва баланд бардоштани сатҳи маънавияти унвонҷӯёну таълимгирандагон ҳамеша эҳтиёҷ ба роҳандозии мероси ниёгон мавҷуд аст. Инчунин, дар боб зикр гардидааст, ки новобаста ба мушкилоти мавҷудаи замони ҷаҳонишавӣ, вактҳои охир вазъият дар самти ташкили мақсадноки тарбияи ахлоқию маънавӣ ва гуманизми педагогӣ дар мамлакат беҳтар мегардад.

Диссертант дар боби мазкури диссертатсия, инчунин ҷанбаҳои муҳимми педагогикаи фарҳанг, педагогикаи умумӣ ва касбӣ, фарҳанги таълими ҳамагонӣ, педагогикаи муқоисавӣ ва педагогикаи ҳамгироро дар контексти афкори Мавлоно Балхӣ баррасӣ кардааст. Ин имкон медиҳад, ки методология, методҳои интихоб, сохтор ва шаклҳои рушди низоми тарбияи миллӣ муайян карда шуда, равандҳои ташаккули камолоти маънавии шахсият дар ҷомеаи муосири тоҷик танзим ва роҳандозӣ карда шаванд.

Дар боби сеюми диссертатсия - “Такмил ва татбиқи андешаҳои педагогии Ҷалолиддини Балхӣ дар бораи инсонгаройӣ ва инсони комил дар раванди таълиму тарбия” моҳияти такмили технологияҳои таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи афкори педагогии Ҷалолиддини Балхӣ ва татбиқи амалии андешаҳои мутафаккир оид ба инсонгаройӣ ва инсони комил дар раванди муосири таълиму тарбия инъикос ёфтааст.

Дар ин боб масъалаҳои омӯзишу баррасии проблемаҳои ташаккулёбии талаботи нави методологӣ ва расмӣ оид ба низоми тарбияи миллии наврасон дар даврони Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор гирифта, қайд гардидааст, ки дар шароити имрӯза таҳқиқи проблемаҳои муосири илми педагогӣ ва масъалаҳои мубрами тарбияи ахлоқиро танҳо дар заминаи асосҳои назариявии даврони шӯравӣ ва охири асри XX роҳандозӣ кардан нокифоя аст. Имрӯз бисёр проблемаҳои назариявии педагогика дар шароити нави иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷаҳонишавии аксари самтҳои ҳаёти ҷомеа, ба омӯзиши ҷиддии мероси ахлоқии ниёгон, бахусус мактаби инсонпарварии Мавлоно Балхӣ, ниёзи аввалиндараҷа доранд.

Таҳқиқоти диссертант собит менамояд, ки рушди минбаъдаи раванди таълиму тарбия ва ташаккули камолоти ахлоқии насли наврас бе омӯзиш, азхудкунӣ, дарки воқеӣ ва истифодаи асосҳои назариявию амалии илми

педагогикаи гуманистӣ ва бидуни ба инобат гирифтани дастовардҳои афкори педагогии классикӣ дар соҳаи мавриди таҳқиқ, имконнопазир хоҳад буд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА**

Диссертатсияи Абдулмаҷидзода Манучеҳр Абдулмаҷид дар мавзуи “Инсонгаройӣ ва тарбияи инсони комил дар осори Ҷалолиддин Балхӣ ва татбиқи он дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон дар шароити муосир”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст, кори илмии квалификатсионии баанҷомрасида маҳсуб меёбад. Дастгоҳи илмӣ, сохтори диссертатсия ва автореферати он ба талаботи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия» (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022, №3) комилан мутобиқат мекунанд.

**Эродҳо ва камбудиҳои таҳқиқот.** Мавриди зикр аст, ки дар баробари дастовардҳои муҳимми илмӣ, дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур баъзе камбудиву норасоиҳои ҷузъӣ ва масъалаҳои хусусияти баҳсиву тавсиявидошта низ мушоҳида мешаванд:

1. Хуб мешуд, ки агар муаллиф раванди татбиқи амалии мероси ахлоқию педагогии Ҷалолиддини Балхиро дар заминаи муассисаҳои таълимии вилоятҳои Хатлону Суғд низ таҳқиқ намуда, натиҷаҳои онро ба таври муқоисавӣ андаке васеътар баррасӣ мекард.

2. Ҷиҳати боз ҳам амиқтар нишон додани сатҳи пазируфта шудани ғояҳои инсонгаройии мутафаккир аз ҷониби насли ҷавон, мувофиқи мақсад хоҳад буд, ки дар оянда раванди таҷрибаомӯзӣ бо гузаронидани назарсанҷиҳои васеи умумӣ, анкетакунонӣ ва суҳбатҳои мақсаднок дар байни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тақвият дода шавад.

3. Таҳқиқоти довталаб зарурати воқеии пажӯҳиши як қатор масъалаҳои муҳимми педагогикаи гуманистиро дар бар гирифта, иқтидори тарбиявии асарҳои Мавлоноро ба таври устувор нишон додааст. Аммо бо нигоҳи тавсиявӣ, агар дар матни рисола роҳу воситаҳои мушаххаси ҳамкории муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотии соҳавӣ бо мактабҳо ҷиҳати таҳияи барномаҳои ягона ва факултативии «Мавлоношиносӣ» пешниҳод мегардид, арзиши амалии кор боз ҳам афзунтар мешуд.

4. Дар матни диссертатсия ҷо-ҷо баъзе хатоҳои услубӣ, таҳрирӣ ва техникӣ (хатоҳои чопӣ) ба чашм мерасанд, ки дар раванди омодасозии маводи ҳаҷман бузург табиӣ мебошанд. Аз ҷумла, дар саҳифаҳои 51, 52, 102 ва монанди инҳо носуфтагии ҷумлаҳо мушоҳида мешавад, ки бартараф

намудани онҳо дар нашрҳои минбаъдаи маводи таҳқиқот ба манфиати кор аст.

Камбудӣ ва норасоиҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, ҳаргиз ба қимати илмӣ-бунёдӣ ва амалии диссертатсияи довталаб халал ворид намекунанд. Таҳқиқоти анҷомдодаи Абдулмаҷидзода Манучеҳр Абдулмаҷид дар самти эҳёи афкори педагогии ниёгон ва беҳтар намудани низоми тарбияи ахлоқии насли наврас саҳми арзишманд ва созанда маҳсуб мешавад.

**Хулосаи ҷамъбастӣ.**

Диссертатсияи Абдулмаҷидзода Манучеҳр Абдулмаҷид дар мавзуи "Инсонгаройӣ ва тарбияи инсони комил дар осори Ҷалолиддин Балхӣ ва татбиқи он дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон дар шароити муосир" » яке самти нав ва мубрами илмӣ-таҳқиқотии дар соҳаи педагогикаи муосир мебошад. Диссертатсия ба забони возеҳи илмӣ навишта шуда, аз ҷиҳати муҳтаво, мақсаду вазифа, аҳаммияти илмию амалӣ, хулосаву тавсияҳои арзишманди илмиро касб кардааст. Автореферат мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра дарбар мегирад. Мақолаҳои илмии ба табъ расида муҳтавои нуктаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос мекунанд.

Хулоса, диссертатсияи Абдулмаҷидзода Манучеҳр Абдулмаҷид дар мавзуи "Инсонгаройӣ ва тарбияи инсони комил дар осори Ҷалолиддин Балхӣ ва татбиқи он дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон дар шароити муосир" ба талаботи Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) мутобиқат мекунад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои педагогӣ,
муаллими калони кафедраи педагогикаи
умумии Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Хоҷазода Гулҷаҳон Ҷаҳфар

Имзои Хоҷазода Г.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва
корҳои махсуси ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Қодирзода С.

Нишонӣ: 734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121, Тел. (992) 901035863.
khodzhaysoda.dulchakhon@mail.ru.

11.06.2026